ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БУҶЕТИ ШАҲРВАНДӢ
# ХАРОҶОТ БА СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи буҷети давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои соли 2024»

Душанбе – 2024 с.

# Мундарича

Муқаддима 4

Хароҷот ба соҳаи маориф 6

Хароҷот ба соҳаи тандурустӣ 8

Хароҷот ба соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 10

Хароҷот ба соҳаи фарҳанг ва варзиш 14

ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

юнисеф

барои ҳар як кӯдак

Ин ҳуҷҷат замимаи нашрияи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Буҷети шаҳрвандӣ" буда, нишондиҳандаҳои асосии соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, мақсад ва афзалиятҳо, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ ва соҳавӣ инъикос ёфтаанд, нишондиҳандаҳо ва хароҷотҳои ғайримолиявии[1] буҷети давлатӣ ба соҳаи иҷтимоиро дар бар мегирад. Бо дарназардошти хусусияти хоси тақвими буҷетӣ, нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ тақрибӣ буда, вазъияти соҳаҳоро ба ҳолати оғози соли 2023 нишон медиҳанд.

Ҳуҷҷат бо кумаки техникии ЮНИСЕФ таҳия карда шудааст.

[1] Нишондиҳандаҳо имкон медиҳанд, ки самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои гуногун назорат карда шавад. Дар ин ҳуҷҷат нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ оварда шудаанд, ки нишондиҳандаҳои миқдории истифодабарандагони хизматрасониҳои давлатиро аз ҳисоби буҷети давлатӣ инъикос мекунанд.

# Муқаддима

Соҳаҳои иҷтимоӣ ҷанбаҳои гуногуни таъмини некӯаҳволӣ ва сифати зиндагии шаҳрвандонро дар бар мегирад. Маориф, тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг ва варзиш ин соҳаҳо асоси соҳаҳои иҷтимоиро ташкил дода, дар таъмини некӯаҳволии мардум ва рушди устувори ҷомеа нақши муҳим доранд.

Вазъияти соҳаҳои иҷтимоӣ бевосита ба рушди сармояи инсонӣ таъсир мерасонад. Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СРМ 2030) рушди сармояи инсониро ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст. Принсипҳои асосии ин самт бо саъю кӯшишҳои марбут ба ҳалли ҳаматарафаи масъалаи рушди сармояи инсонӣ ва сифати зиндагӣ, ҳамчунин ба миён овардани заминаҳои устувор барои ташаккули иқтисоди зеҳнӣ алоқаманданд. Афзалиятҳо дар самти рушди сармояи инсонӣ инҳоянд.

Афзалиятҳо дар самти рушди сармояи инсонӣ инҳоянд:

(1) ислоҳоти низоми маориф ва илм,

(2) таъмини солимии аҳолӣ дар заминаи сифати зиндагӣ,

(3) тақвияти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ,

(4) баланд бардоштани арзишҳои фарҳангии рафтор,

(5) ташаккули муҳити мусоид барои ҳаёт,

(6) коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ.

Яке аз манбаҳои маблағгузории ҳадафҳои стратегӣ, афзалиятҳо ва вазифаҳои гузошташуда, буҷети давлатӣ мебошад. Ҳамин тавр, ҳангоми банақшагирии хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ барои соли 2024 вазифаҳои “Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СРМ 2030)”, Барномаҳои рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (БРМ 2021-2025), “Ҳадафҳои рушди устувор то давраи соли 2030 (ҲРУ)”, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони ҷомеа, пешниҳодҳои аъзоёни Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳо ва барномаҳои рушди соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ба инобат гирифта шуданд.

Дар маҷмӯъ, хароҷотҳо ба соҳаҳои иҷтимоӣ дар соли 2024 ҳамагӣ 18 971,1 млн сомонӣ ё 43%-и ҳаҷми умумии буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Аз ин ҳаҷм хароҷотҳо ба соҳаи маориф 8 231,9 млн. сомонӣ ё 18,7%, ба соҳаи тандурустӣ 3,488,9 млн. сомонӣ ё 7,9%, ба суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 5 533,6 млн. сомонӣ ё 12,5%, ба фарҳанг ва варзиш 1 716,7 млн. сомонӣ ё 3,9%-ро ташкил медиҳанд.

## Хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯи манбаъҳои маблағгузорӣ




## Хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯи соҳаҳо дар соли 2024, бо %




## Соҳаҳои иҷтимоӣ



# Хароҷот ба соҳаи маориф ва илм

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2024 хароҷоти соҳаи маориф ва илм дар ҳаҷми 8231,9 млн сомонӣ ё 18,7% ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ пешбинӣ шудааст ва ба 5,7% маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

## Хароҷоти соҳаи маориф ва илм аз рӯи манбаъҳои маблағгузорӣ, миллион сомонӣ




## Хароҷот ба соҳаи маориф ва илм аз рӯи сатҳи таҳсилот дар соли 2024 бо млн. сомнӣ




## Шумораи муассисаҳо/хонандагон / кормандон

**Муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна**

| муассисаҳо | хонандагон | кормандон |
|---|---|---|
| 3906 | 2188237 | 222445 |

**Муассисаҳои таҳсилоти касбӣ**

| муассисаҳо | хонандагон | кормандон |
|---|---|---|
| 146 | 221900 | 30353 |

**Дигар муассисаҳои таълимӣ**

| муассисаҳо | хонандагон | кормандон |
|---|---|---|
| 330 | 18780 | 20496 |

**Муассисаҳои томактабӣ**

| муассисаҳо | хонандагон | кормандон |
|---|---|---|
| 3827 | 2171010 | 217446 |

Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф ва илм барои ноил шудан ба ҳадафу вазифаҳои рушди соҳаи маориф, аз қабили баланд бардоштани дастрасии таҳсилот барои тамоми қишрҳои аҳолӣ, таълими босифат ва тайёр кардани мутахассисон, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ зикр шудаанд, равона карда шудааст.

## Афзалият ва вазифаҳои стратегии соҳаи маориф:

### *СРМ 2030*

- Таъмини баробарӣ ва дастрасӣ ба таҳсилот;
- Баланд бардоштани сифати таҳсилот дар ҳамаи сатҳҳо;
- Баланд бардоштани устувории молиявӣ ва самаранокӣ дар соҳаи маориф;
- Рушди марказҳои миллии илмиву таҳқиқотӣ ва корҳои таҷрибавию лоиҳакашӣ;
- Тақвият ва истифодаи иқтидори илмии кишвар.

### *Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф барои давраи то соли 2030 (СМРМ 2030)*

- Ба вуҷуд овардани низоми самарабахши маориф, ки ба имкониятҳои инклюзивӣ ва баробар барои рушди эҷодкорӣ, рушди ақлонӣ, таъмини шуғл ва беҳтар кардани некӯаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

### *БРМ 2021-2025*

- Таъмини баробарӣ ва дастрасӣ ба таҳсилот;
- Баланд бардоштани сифати таҳсилот дар ҳамаи сатҳҳо;
- Баланд бардоштани устуворӣ ва самаранокии молиявӣ дар соҳаи маориф;
- Рушди марказҳои миллии илмиву таҳқиқотӣ ва корҳои таҷрибавию лоиҳакашӣ;
- Тақвият ва истифодаи иқтидорҳои илмии кишвар.

### *ҲРУ*

4 МАЪРИФАТИ БОСИФАТ

4.1 Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи ройгон.
4.2 Дастрасии баробар ба таҳсилоти босифати томактабӣ.
4.3 Дастрасии баробар ба таҳсилоти арзони касбиву техникӣ ва олӣ.
4.4 Афзоиши шумораи одамони дорои маҳоратҳо барои таъмини устувории молиявӣ.
4.5 Аз байн бурдани ҳама гуна нобаробариҳо дар соҳаи маориф.
4.6 Қобилияти умумии хондан ва навиштан.
4.7 Таҳсилот дар соҳаи рушди устувор ва шаҳрвандии ҷаҳонӣ.
4.a Таъсис ва такмили муассисаҳои таълимии дастрас ва бехатар.
4.b Зиёд кардани шумораи стипендияҳо барои маълумоти олӣ, ки ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ пешниҳод карда мешаванд.

# Хароҷот ба соҳаи тандурустӣ

Хароҷоти соҳаи тандурустӣ дар соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 3488,9 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки 8,0% хароҷоти умумии буҷети давлатиро ташкил намуда, ба 2,4% маҷмӯи маҳсулоти дохилиро баробар мебошад.

## Хароҷоти соҳаи тандурустӣ аз рӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, миллион сомонӣ




## Хароҷот ба соҳаи тандурустӣ аз рӯи сатҳҳо, бо млн. сомонӣ




## Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи тандурустӣ

**Беморхонаҳо**

Муассисаҳо - 388

Шумораи умуми катҳо - 38321

Духтурон - 9626

Кормандони миёнаи тиббӣ - 21729

Кормандони хурди тиббӣ - 15962

**Дармонгоҳҳо**

Муассисаҳо - 2604

Боздидҳои духтурон - 7032667

Духтурон - 9776

Кормандони миёнаи тиббӣ - 21757

Кормандони хурди тиббӣ - 5631

**Ҳифзи солимии аҳолӣ**

Муассисаҳо - 324

Боздидҳои духтурон - 216562

Духтурон - 2329

Кормандони миёнаи тиббӣ - 2995

Кормандони хурди тиббӣ - 875

Маблағгузории соҳаи тандурустӣ ба татбиқи самтҳои афзалиятноки дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ инъикосёфта, аз ҷумла таҳкими саломатии аҳолии кишвар ва фароҳам овардани муҳити солим тавассути фарогирии ҳамаҷонибаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хизматрасониҳои дастрас ва босифати тиббӣ ва санитарӣ равона карда шудааст.

## Афзалиятҳо ва вазифаҳои стратегии соҳаи тандурустӣ:

### *СМР 2030*

- Дигаргуниҳои системавӣ дар соҳаи тандурустӣ;
- Беҳтар кардани дастрасӣ, сифат ва самаранокии хизматрасониҳои тиббиву санитарӣ;
- Рушди захираҳои соҳаи тандурустӣ;
- Ҷорӣ намудани моделҳои тарзи ҳаёти солим.

### *Стратегияи ҳифзи солимии аҳолӣ то соли 2030 (СҲСА 2030)*

- Тезонидани пешрафт дар самти фарогирии ҳамаҷонибаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хизматрасониҳои дастрас ва боисифати тиббиву санитарӣ тавассути тақвият додани системаи идоракунии стратегӣ, ноил шудан ба маблағгузории устувор, таъминоти кадрӣ ва рушди технологияҳои муосир.

### *БРМ 2021-2025*

- Рушди иқтидорҳои низоми тандурустӣ;
- Тақвияти фаъолияти профилактикии низоми тандурустӣ;
- Беҳтарсозии низоми расондани ёрии тиббӣ;
- Такмил додани низоми маблағгузории соҳаи тандурустӣ.

### *ҲРУ*

3.1 Коҳиш додани фавти модарон.
3.2 Хотима бахшидан ба фавти қобили пешгирии кӯдакони то синни 5 сола.
3.3 Хотима бахшидан ба бемориҳои сироятӣ.
3.4 Коҳиш додани сатҳи фавт аз бемориҳои ғайрисироятӣ.
3.5 Пешгирӣ кардани суйистифода аз моддаҳои психоактивӣ.
3.6 Коҳиш додани шумораи фавт ва осебҳои аз садамаҳои нақлиётӣ бардошташуда.
3.7 Таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ.
3.8 Таъмин намудани фарогирӣ бо хизматрасониҳои тандурустӣ.
3.9 Коҳиш додани фавт ва бемориҳо аз моддаҳо ва олудагиҳои хатарноки химиявӣ.
3.a Фаъол кардани татбиқи конвенсияи ТУТ оид ба мубориза бо тамоку.
3.b Мусоидат кардан ба таҳқиқот ва таҳияи ваксина ва доруҳо.
3.c Зиёд кардани маблағгузорӣ ба соҳаи тандурустӣ ва омодагии касбӣ.
3.d Беҳтар кардани иқтидори пешгирии саривақтии хатарҳои асосӣ ба саломатӣ.

# Харотҷот ба соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Хароҷоти умумии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои соли 2024 дар ҳаҷми 5533,6 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки 12,5% хароҷоти умумии буҷети давлатиро ташкил намуда, ба 3,8% маҷмӯи маҳсулоти дохилиро баробар мебошад.

## Хароҷот барои суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз руи манбаъҳои маблағгузорӣ, миллион сомонӣ




## Хароҷот ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар соли 2024 аз рӯи самтҳо, бо млн. сомонӣ



## Нишондиҳандаҳои асосии суғуртаи иҷтимоӣ[2]

| Суғуртаи иҷтимоӣ | Шумораи дарёфткунан-дагони кумаки молиявӣ (нафақахӯрҳо), нафар | Ҳаҷми миёнаи нафақа, сомонӣ | Хароҷоти умумӣ, сомонӣ |
|---|---|---|---|
| Барномаҳои давлатии нафақавӣ | 22 403 | 925 | 268 637 583 |
| Нафақаҳои меҳнатӣ | 305 083 | 448 | 136 506 200 |
| Нафақаҳои суғуртавӣ | 291 087 | 365 | 106 174 400 |
| Нафақаҳои иҷтимоӣ | 199 919 | 262 | 52 354 400 |
| Кумаки иҷтимоии унвонӣ | 229 748 | 612 | 139 489 405 |
| Кумакпулӣ ба сабаби беморӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, ба сабаби муваққатан аз даст додани қобилияти меҳнатӣ | 212 529 | -- | 251 674 267 |
| Кумакпулӣ ба сабаби пиронсолӣ, маъюбият ва аз даст додани музд | 79 589 | 227 | 18 060 700 |
| Дигар навъҳои кумак ба аҳолӣ (кумакпулиҳо) Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил | 4 943 | 3 850 | 19 034 065 |
| Суғуртаи иҷтимоӣ, ки ба дигар гурӯҳҳо дохил карда нашудааст | -- | -- | 51 055 892 |

[2] Дар фасли «Суғуртаи иҷтимоӣ» тибқи таснифоти буҷетӣ хизматрасониҳои суғуртаи иҷтимоӣ ҳамчун интиқоли пардохт (аз ҷумла пардохтҳои моддӣ) вобаста ба ҷуброн, кам ё гум кардани даромад ё музди меҳнати кам ва ғайра баррасӣ карда мешаванд.

## Нишондиҳандаҳои асосии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ[3]

| Муассиса | Муассисаҳо | Шумораи катҳо | Кат-рӯзҳо | Воҳидҳои корӣ | Духтурҳо | Кормандони миёнаи тиббӣ | Кормандони хурди тиббӣ | Дигар кормандон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳо барои кӯдакон | 4 | 384 | 37900 | 326 | 10 | 46 | 136 | 134 |
| Муассисаҳо барои калонсолон | 45 | 925 | 337626 | 469 | 18 | 66 | 165 | 221 |
| Муассисаҳо барои одамони барҷомонда | 7 | 835 | 306775 | 379 | 14 | 48 | 73 | 244 |
| Осоишгоҳҳо ва дармонгоҳҳо | 5 | 439 | 35640 | 310 | 7 | 56 | 43 | 204 |
| Ёрӣ дар хона | 41 | -- | -- | 738 | -- | -- | -- | 738 |
| Литсей барои маъюбон | 11 | -- | -- | 169 | -- | -- | -- | 169 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ, ки ба дигар гурӯҳҳо дохил карда нашудааст | 2 | 235 | 70025 | 109 | 4 | 8 | -- | 97 |
| **Ҳамагӣ** | 75 | 2868 | 887965 | 2600 | 53 | 224 | 417 | 1906 |

[3] Мутобиқи таснифоти буҷетӣ дар фасли «Ҳифзи иҷтимоӣ» хадамоти таъминоти иҷтимоӣ баррасӣ мегардад

Хароҷоти давлатӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла таъмини кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёт ва таҳкими адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа равона карда шудааст.

## Афзалиятҳо ва вазифаҳои стратегии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ:

### *СМР 2030*

- Замонависозии институтсионалии низоми ҳифзи иҷтимоӣ;
- Таъмини устувории дарозмуддати низоми нафақа;
- Омехта кардани самтҳои фаъолиятҳое, ки имкониятҳоро дар раванди ҳифзи иҷтимоии қишрҳои осебпазири аҳолӣ ҳифз ва ҳавасманд мекунанд.

### *Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ то давраи соли 2040 (СРҲИА 2040)*

- Ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии кишвар ва авлавиятҳои сиёсати давлатии иҷтимоӣ, идома додани ислоҳот дар соҳаи мазкур, ки ба паст кардани таъсири хатарҳои дохилӣ ва берунӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ равона карда шудаанд.

### *БРМ 2021-2025*

- Таҷдиди сохтории институтсионалии кумаки иҷтимоии унвонӣ;
- Таъмини устувории молиявии дарозмуддати низоми нафақа;
- Рушди самтҳои ҳавасмандкунии суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ.

### *ҲРУ*

1.3 Дар сатҳи миллӣ ҷорӣ намудани система ва чораҳои муносиби ҳифз барои ҳама, аз ҷумла таъйини сатҳи ҳадди ақал ва то соли 2030 ба таври назаррас фаро гирифтани қишрҳои камбизоат ва осебпазири аҳолӣ.

10.4 Қабул кардани сиёсати муносиб, бахусус сиёсати буҷетиву андозӣ дар масъалаҳои музди меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ ва қадам ба қадам ноил шудан ба баробарии бештар.

# Хароҷот ба соҳаи фарҳанг ва варзиш

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2024 ҳаҷми умумии хароҷот ба соҳаи фарҳанг ва варзиш дар ҳаҷми 1716,1 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки 3,9% ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил намуда, ба 1,2% маҷмӯи маҳсулоти дохилиро баробар мебошад.

## Хароҷот ба соҳаи фарҳанг ва варзиш аз рӯи манбаъҳои маблағгузорӣ, млн. сомонӣ




## Хароҷотҳо ба соҳаи фарҳанг дар соли 2024

| | | |
|---|---|---|
| Китобхонаҳо | 1363 муассиса | 69,3 млн. сомонӣ |
| Осорхонаҳо ва намоишгоҳҳо | 74 муассиса | 34,6 млн. сомонӣ |
| Телевизион ва радиошунавонӣ | 21 муассиса | 245,8 млн. сомонӣ |
| Нашриётҳои даврӣ ва ноширон | 93 муассиса | 39,9 млн. сомонӣ |
| Дигар муассисаҳо | 1102 муассиса | 1327,1 млн. сомонӣ |

**Шумораи кормандон дар соҳаи фарҳанг ва варзиш**

- Чорабиниҳои варзишӣ - **102**
- Китобхонаҳо - **3447**
- Осорхонаҳо ва намоишгоҳҳо - **1012**
- Муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ва фароғатӣ (театрҳо, филармонияҳо, дастаҳои мусиқӣ, ансамблҳо ва кинотеатри давлатӣ) - **8883**
- Ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ - **17**
- Чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ, ки ба дигар гурӯҳҳо дохил карда нашудаанд (созмонҳои ҷамъиятӣ) - **174**
- Телевизион ва радиошунавонӣ - **1981**
- Нашриётҳои давравӣ ва ноширон - **1212**
- Дигар воситаҳои ахбори омма (ВАО) - **78**
- Раёсатҳои минтақавии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ғ.) - **329**
- Чорабиниҳои фарҳангӣ, ҷамъиятӣ ва варзишӣ, ки ба дигар гурӯҳҳо дохил карда нашудаанд (аз ҷумла илмӣ) - **73**
- Чорабиниҳои фарҳангӣ, ҷамъиятӣ ва варзишӣ, ки ба дигар гурӯҳҳо дохил карда нашудаанд - **288**

Вазифа ва афзалиятҳои асосии рушди соҳаи фарҳанг ва варзиш аз таъмини рушди устувори муассисаҳои фарҳангӣ, таҳкими заминаи моддию техникии рақобатпазир, тайёр кардани кадрҳои соҳа ва бо ин роҳ пешбурди раванди эҷодиёту ҳунарҳои мардумӣ, татбиқи босамари неруи фарҳангию маънавии ҷамъият иборат аст.

## Афзалиятҳо ва вазифаҳои стратегии соҳаи фарҳанг ва варзиш:

### *СМР 2030*

- Ташкили низоми муосири дастгирии давлатии соҳаи фарҳанг ва санъат, ҳифзи гуногунии фарҳангӣ ва забонӣ;
- Рушди сармояи инсонӣ дар байни ҷавонон, баланд бардоштани иқтидори эҷодии он ва мусоидат ба ҷалби дастовардҳои фарҳанг ва санъат;
- Ташаккули фарҳанги соҳибкории инноватсионӣ;
- Таъмини рушди фазои умумии фарҳангии кишвар дар шароити ҳифз, эҳё ва рушди анъанаҳои миллӣ ва дастовардҳои фарҳангӣ дар тӯли солҳои истиқлолият, арзишҳои умумибашарӣ.

### *БРМ 2021-2025*

- Рушди механизмҳои низоми дастгирии давлатии фарҳанг ва санъат;
- Таъмини рушди фазои ягонаи фарҳангӣ дар кишвар.

### *ҲРУ*

11.4 Фаъол сохтани саъю кӯшишҳо барои муҳофизат ва нигоҳдории мероси умумиҷаҳонии фарҳангӣ ва табиӣ.